**«Тасдиқ мекунам»**
ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода

_______________

«___» ___04___ соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

Диссертатсияи **Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна** дар мавзуи «**Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна соли 2012 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси «филологияи забони англисӣ» бо дипломи аълои дараҷаи бакалавр хатм кардааст.

Соли 2014 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯи ихтисоси «филологияи забони англисӣ» бо дипломи аъло ба итмом расонидааст. Аз соли 2012 то соли 2013 ба ҳайси лаборанти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2014 то соли 2016 ба сифати ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯали ибни Сино кор кардааст. Аз соли 2016 то ин ҷониб ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият мебарад.

Мавсуф ба ҳайси унвонҷӯ 31-декабри соли 2014 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2022 аз ҷониби шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин **хулоса** карда шуд:

Диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна таҳқиқоти пурмуҳтаво ва арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст.

Фразеология яке аз шохаҳои муҳими забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Ин бахши забоншиносӣ нисбат ба фанҳои дигари илми забоншиносӣ ҷавон буданаш, ба омӯзишу таҳқиқи он бисёр забоншиносони ватаниву хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, асарҳои арзишманди илмӣ рӯйи кор овардаанд. Таҳқиқотҳои мавҷуда фарогири масъалаҳои умумифразеологӣ, низоми фразеологии забонҳои алоҳида ва муқоисаи воҳидҳои фразеологии ду ва ё зиёда забонҳо мебошанд.

Таҳқиқи типологии воҳидҳои фразеологӣ дар илми забоншносӣ дар марҳалаи рушд қарор дорад. Масъалаҳои мухталифи низоми фразеологии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забонҳои дигар пайваста мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта истодаанд. Дар забоншиносии тоҷик як қатор корҳои арзишманди илмӣ-тадқиқотӣ ба сомон расидаанд, ки ба масъалаҳои мубрами фразеологияи муқоисавӣ бахшида шудаанд. Новобаста ба мавҷудияти корҳои зиёди илмӣ, дар илми фразеология масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳаллу фасли худро интизоранд.

Мубрамияти диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи хосиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то ҳол ба таври комил таҳқиқ нагардидааст. Танҳо дар баъзе монографияву рисолаҳо, ки ба таҳқиқ ё тавсифи низоми фразеологии забонҳои муқоисашаванда бахшида шудаанд, навъи исмии воҳидҳои фразеологӣ ишора гардида, ба таври амиқу дақиқ аз нуқтаи назари типологӣ таҳлилу баррасӣ нагаштааст.

Воҳидҳои фразеологии исмӣ яке аз навъҳои сермаҳсул ва сершумори фразеологизмҳои забонҳои муқоисашавандаро ташкил намуда, таҳлили хосиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва луғавии он дар ошкор намудани умумияту тафовутҳои низоми фразеологии ин забонҳо дар доираи як навъи муайяни воҳидҳои фразеологӣ, яъне навъи исмии он мусоидат менамояд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии забоншиносони бахши фразеологияи ватаниву хориҷӣ аз ҷумла Ш. Балли, В.В. Виноградов, С.И. Ожегов, А.И. Смирнитский, Н.Н. Амосова, А.В. Кунин, Л.П. Смит, А. Мирзоев, Т.Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, М.Ф. Фозилов, С.В. Хушенова, Ҳ. Маҷидов ва М.Н. Азимова асос ёфтааст.

Мақсади таҳқиқот, асосан, аз муайян намудани монандӣ ва тафовути воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нуқтаи назари сохторӣ-грамматикӣ ва луғавӣ-семантикӣ дар заминаи маводҳои забонӣ, ки аз фарҳангҳо ва насри бадеии адабиёти тоҷик ва англис гирдоварӣ шудааст, иборат аст.

Дар таҳқиқи мавзуи мазкур як қатор вазифаҳо пеш гузошта шудаанд:

- омӯзиши аломатҳои асосии воҳидҳои фразеологӣ ва дар ин замина муайян намудани ҳудуди байни фразеологизмҳо ва ибораҳои озод:

-қолаббандии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда, таҳлили морфологии унсурҳои таркибии онҳо, муайян намудани унсурҳои меҳвариву тобеъ ва ошкор кардани қолабҳои умумиву хоси воҳидҳои фразеологии исми забонҳои тоҷикиву англисӣ;

-таъйини тафовути муродифоту гунаҳои фразеологӣ ва намудҳои он;

-муайян намудани сарчашмаҳои пайдошавии воҳидҳои фразеололгии исмии аслӣ ва манбаву роҳҳои иқтибосшавии фразеологизмҳои исмӣ дар забонҳои муқоисашаванда;

-дарёфт ва муқаррар кардани муродифоту мутазодҳои дохилизабонӣ ва байнизабонӣ, таснифи муродифҳои байнизабонӣ ва таҳлили маъноии онҳо;

- тавсифи хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии исмии маҷозӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки таҳлилу баррасии махсуси муқосавии хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои низомашон гуногуни мутааллиқ ба як оилаи забонҳо – забони тоҷикӣ ва забони англисӣ, бори аввал мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ умумият ва фарқияти сохторӣ, луғавӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар заминаи маводи забонӣ ошкор ва муайян гардиданд.

Аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои таҳлилу баррасии мавзуи мазкур ба ҳалли як қатор масъалаҳои назариявии низоми фразеологии забонҳои муқоисашаванда мусоидат намуда, нуктаҳои асосии он дар омода намудани барномаҳои таълимии мактабҳои олии кишвар ва таълими фанни типологияи муқоисавӣ ё курси махсус оид ба фразеологияи забонҳои тоҷикиву англисӣ тавсия дода мешавад.

Диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна – дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақола рӯйи чоп омаданд, ки 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Рӯйхати мақолаҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия дар нашрияҳои тавсияшудаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия:**

[1-М]. Аслонова, Г. Таҳлили қолабҳои сохтории воҳидҳои фразеологии исмии дутаркибаи бепешоянд дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Г. Аслонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021. – № 4 (93). – С. 52-58.

[2-М]. Аслонова, Г. Воҳидҳои фразеологии исмии маҷозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Г. Аслонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021. – № 6 (95). – С. 100-103.

[3-М]. Аслонова, Г. Воҳидҳои фразеологии исмии иқтибосшуда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Г. Аслонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2022. – №1 . – С. 52-57

[4-М]. Аслонова, Г. Муродифшавии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Г. Аслонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2022. – №3. – С. 43-48.

[5-М]. Аслонова, Г. Таҳлили қабатҳои услубии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Г. Аслонова // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ). – Душанбе, 2022. – №1(266) . – С. 254-259.

[6-М] Ҷаматов, С., Аслонова, Г. Архаизму неологизм ва эвфемизму вулгаризмҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/ С.Ҷаматов, Г. Аслонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. – № 3 (98). – С. 15-19.

**Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

[6-М]. Аслонова, Г. Фразеологизмҳои исмӣ дар Қуръон ва Библия/ Г.Аслонова // Авҷи Зуҳал. –Душанбе: Матбааи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, 2014. – №4 (17); С. 79-82.

[7-М]. Аслонова, Г. Метонимические переносы в субстантивных фразеологических единицах английского языка/ Г. Аслонова // Внедрение достижений медицинской науки в клиническую практику (Сборник материалов научно-практической конференции молодых ученых и студентов ТГМУ им. Абуали ибни Сино с международным участием). –Душанбе: Матбааи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, 2015. – С.258.

[8-М]. Aslonova, G. Theoretical problems of the modern phraseology/ G. Aslonova// Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва лингводидактика дар заминаи муошират байнифарҳангӣ (Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 90-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва 50-солагии таъсисёбии кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ.– Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2021. – С.196-198.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ **Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна** дар мавзуи «**Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи **Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна** дар мавзуи «**Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя тавсия мегардад.

3. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновнаро кори илмии баанҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертасияи мазкурро барои муҳокима дар Шурои олимони факултет пешниҳод менамояд.

Қарори мазкур дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ дар таърихи 18 марти соли 2022 суратҷаласаи №9/3 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 15 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** “тарафдор” – 15 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ,
н.и.ф., дотсент — Асламов Ҳ. А.

Котиби ҷаласа — Тоҷиева Ф.Р.

“Имзоҳои Ҳ.А. Асламов ва Ф.Р. Тоҷиеваро тасдиқ мекунам”

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ,
н.и.ҳ., дотсент — Назаров Д. Қ.